# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Фирузи Ҳамроқул дар мавзӯи «Рафтори анодӣ ва оксидшавии хӯлаи Zn0.5Al, ки бо серий, празеодим ва неодим ҷавҳаронидашуда», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D071000 – Маводшиносӣ ва технологияи маводи нав (6D071001.02 – саноати мошинсозӣ) пешниҳод шудааст

**Хусусиятҳои фаъолияти илмию истеҳсолии докторант (PhD)**

Фирузи Ҳамроқул солҳои 2013 ва 2017 факултети технология ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро аз рӯйи ихтисосҳои «технология» ва «илмҳои технология» бо касбҳои «омӯзгор-муҳандис» ва «технология-омӯзгор» бо дарёфти дараҷаҳои бакалаврӣ ва магистрӣ хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ дар вазифаи ассистенти кафедраи методикаи таълими фанҳои тахассусии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият намудааст. Аз соли 2020 то 2023 дар докторантураи (PhD) шуъбаи рӯзонаи МДИ «Институти кимиёи ба номи В.И. Никитин»-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D071000 – Маводшиносӣ ва технологияи маводи нав таҳсил намудааст. Дар айни замон ба вазифаи ассистенти кафедраи фанҳои умумитехникӣ ва мошиншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба кор даъват шудааст.

Барои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ба докторант (PhD) Фирузи Ҳ. мавзӯи «Рафтори анодӣ ва оксидшавии хӯлаи Zn0.5Al, ки бо серий, празеодим ва неодим ҷавҳаронидашуда» пешниҳод карда шуд. Ҳангоми кор бо диссертатсия ӯ худро ҳамчун мутахассиси баландихтисос ва фаъол нишон дод. Методҳои муосири таҳлили физикавӣ-химиявӣ ва технологияҳои компютериро аз худ намуда, дар раванди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ онҳоро бомуваффақият истифода кард. Ҳамзамон қобилияти фаъолияти илмӣ, вазифагузорӣ, гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва баландбардории сатҳи илмӣ-омӯзгориро нишон дод. Ӯ дониши назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дорад.

Фирузи Ҳ. муаллифи 19 корҳои илмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия мебошад. Аз инҳо, 11 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд ва 8 мақолаҳо дар маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудааст. Инчунин 2 патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (TJ№1079, 1081) оид ба коркарди хӯлаҳои нави Zn-Al гирифта шудааст.

**Баҳодиҳии диссертатсия**

Барои иҷрокунии рисолаи диссертатсионӣ вобаста ба мақсади он докторант (PhD) Фирузи Ҳамроқул масъалаҳои зеринро пурра ҳал кард:

1. Хӯлаи сечандаи металлӣ тавассути ҷавҳаронии ҳаҷмӣ ва ҷудогонаи таркиби Zn0.5Al бо иловаҳои Ce, Pr ва Nd ҳосил карда шудааст.
2. Таркибҳои элементӣ ва фазавӣ ва тағйирот дар микросохторҳои хӯлаҳои синтезшуда таҳлил ва омӯхта шудааст.
3. Тағйирёбиҳо дар рафтори анодӣ ва оксидшавии хӯлаҳои синтезшудаи таҳқиқмешуда дар муҳитҳои фаъоли коррозионӣ таҳқиқ карда шудааст.
4. Хосиятҳои механикӣ: сахтӣ ва мустаҳкамии хӯлаҳои Zn0.5Al-Ce(Pr,Nd) таҳқиқ ва аниқ карда шудааст.
5. Самаранокии иқтисодӣ ба маблағи 27$ ИМА аз ҳисоби рӯйпушкунии сатҳи 1м$^2$ новачаҳои пӯлоди ноқилӣ ба даст оварда шудааст.
6. Хӯлаҳои нави коркардшудаи Zn0.5Al бо серий, празеодим ва неодим ҳамчун руйпӯшҳои анодии муҳофизатӣ барои зиёдкунии муҳлати хизмати маснуоти пӯлодӣ ва чӯян барои соҳаҳои маводшиносӣ ва муҳофизат аз коррозия, галванотехника ва металлургия тавсия мешаванд.

Рисолаи диссертатсионии Фирузи Ҳ. ба шиносномаи ихтисоси 6D071000 (6D071001.02 – саноати мошинсозӣ) мутобиқат мекунад, ки коркарди маводи навро бо хосиятҳои комплексии додашуда ва аниқкунии қонуниятҳои бунёдии таъсири таркиб, сохторҳо, технология ва дигар омилҳои ба хосиятҳои хӯлаҳо таъсиркунандаро дар бар мегирад.

Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи «Рафтори анодӣ ва оксидшавии хӯлаи Zn0.5Al, ки бо серий, празеодим ва неодим ҷавҳаронидашуда» аз ҷиҳати мубрамнокӣ, навгониҳои илмӣ ва арзиши амалӣ ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳо мувофиқ буда, муаллифи он Фирузи Ҳамроқул барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D071000 – Маводшиносӣ ва технологияи маводи нав (6D071001.02 – саноати мошинсозӣ) сазовор аст.

Роҳбари илмӣ: д.и.х., профессор, мудири
кафедраи технологияи истеҳсолоти
химиявии ДТТ ба номи акад. М.С. Осимӣ Обидов З.Р.

734042, ш.Душанбе, х.акад.Раҷабовҳо 10, ДТТ
Тел.: (+992) 93-421-82-10, E-mail: obidovzr@gmail.com

Имзои З.Р. Обидовро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ ДТТ ба номи М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

12.03.2025с.